**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктои фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

Масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқу интишори мероси адабии гузашта аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои адабиётшиносӣ дар замони мо мебошад. Зеро ба шарофати истиқлоли комили давлатӣ ва маънавию фарҳангӣ дар Тоҷикистон барои таҳқиқу шинохти воқеию илмии мероси гузашта, шахсияти шоирону нависандагон ва орифони бузурги қарнҳои пешин ҳамаи шароит ва имконият фароҳам мебошад.

Бояд гуфт, ки солҳои охир таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ ба осори адабии ирфонӣ ва намояндагони адабиёти тасаввуфӣ пайваста меафзояд. Иллати ривоҷи ин тамоил дар адабиётшиносии муосири мо, ба назарам дар ин аст, ки ин бахши пурбори адабиёти форсии тоҷикӣ дар замони шуравӣ бар асари маҳдудиятҳои мафкуравӣ аз назари муҳаққиқон дур монда буд. Бо истифода аз шароити муносиби имрӯза аҳли таҳқиқ бояд бештар ба омӯзиш ва нашру таҳқиқи ин мероси гаронбаҳои адабӣ пардозанд.

Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Ҷ. Наҷотзодаро, ки ба таҳқиқи яке аз асарҳои муҳимми насри ирфонии асри XI «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ ихтисос дорад, метавон дар ин масир иқдоми шоиста ҳисобид. Зеро ин асари дастурӣ дар миёни таълифоти адабию ирфонии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ мақоми баланд дорад. «Рисолаи қушайрия» яке аз нахустин ва муҳимтарин китобҳо дар боби мавзуъҳои мухталифи ирфону тасаввуф мебошад, ки дар дарозои таърих ба унвони ҷомеътарин ва фарогиртарин китобҳо дар адабиёти ирфонист. Аз ин ҷиҳат ҳам асари мазкур қобили таҳқиқ ва нашру омӯзиш мебошад.

Ҷ. Наҷотзода дар таҳқиқи тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосим Қушайрӣ вазифаҳои мушаххасро пайгирӣ менамояд. Вай дар боби якуми диссертатсия, ки **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ»** унвон дорад, зиндагинома ва мероси илмию адабии Абулқосими Қушайриро тавзеҳ дода, ба нуфузи тасаввуфу ирфон ва ташаккули мактабҳои он дар замони зиндагии Қушайрӣ ишорат мекунад. Вай таъкид мекунад, ки дар ин давра асосҳои ирфону тасаввуф ба ҳайси равияи хос дар адабиёти форсии тоҷикӣ шакл мегирифт. Ба ҳамин хотир, Абулқосими Қушайрӣ

рисолаи мазкурро бо мақсади шарҳу тафсири ақоид, одоб, русум, шарҳи ҳол ва баёни афкори машоихи суфия таълиф намуд. Аз назари Қушайрӣ вуҷуди инсон аз буъдҳои ҷисмонӣ ва руҳонӣ иборат аст. Маҳз баррасии ҳамин қабил масоили бунёдии фалсафаи ирфонӣ банду баст ва сохтору муҳтавои матолиби «Рисолаи қушайрия»-ро ташкил медиҳад. Диссертант ҳангоми баррасии муҳтавои рисолаи мазкур ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Махсусан, дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** ном дорад, моҳияти асари мавриди назар тавзеҳ мешавад. Диссертант ба ин масъала ишора намуда, таъкид мекунад, ки «Рисолаи қушайрия» дар маърифати осори ирфонӣ ва шинохти шахсиятҳои бузурги адабиёти ирфонӣ кумак менамояд. Дар баробари ин, китоби мавриди назар ҳанӯз дар марҳилаи оғозини нуфузи ирфон дар адабиёти форсии тоҷикӣ таълиф гардида буд, барои тазкиранависии ирфонӣ ҳам роҳ кушод. Аз ин ҷиҳат ҳам метавон «Рисолаи қушайрия»-ро ба намунаи беҳтарини насри ирфонии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ба шумор овард.

Диссертант дар боби сеюми диссертатсия, ки «**Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ шудааст, ҷанбаҳои адабию ҳунарии китоби мазкурро ба баррасӣ мегирад. Вай дуруст таъкид мекунад, ки аз баррасии сохтору муҳтавои китоб метавон натиҷа гирифт, ки «Рисолаи қушайрия» дорои мундариҷаи мукаммал буда, аз форохии дониш, тасаввуф ва ғаври муаллиф дар масъалаҳои ирфону тасаввуф гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуъ, диссертант бардоштҳо ва натиҷагириҳои таҳқиқоти худро дар хулосаи диссертатсия дар 14 банд баён мекунад, ки аксарияти онҳо қобили таваҷҷуҳ буда, барои таҳқиқи минбаъдаи насри ирфонии форсии тоҷикӣ роҳ мекушоянд. Илова бар ин, чунонки аз мутолиаи автореферат бармеояд, таҳқиқи мазкур дар сатҳи хуби илмӣ таълиф гардида, муаллифи он пажуҳиши тозаеро пешниҳод мекунад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро дар оянда бояд бартараф кард:

1. Асари муҳимму мондагоре, мисли «Рисолаи қушайрия» дар ҷойи холӣ зуҳур намекунад. Ба назари мо, дар боби якуми диссертатсия, агар ин масъала дар як фасли алоҳида баррасӣ мешуд, ҳусни кор меафзуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат иштибоҳоти имлоию техникӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъию ислоҳшаванда буда, онҳо ба арзиши хуби илмии диссертатсия халал ворид намесозанд.

Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, он ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори фалсафа (PhD)
доктор аз рӯйи ихтисоси адабиётшиносӣ,
дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Мерганзода
12.08.2026 Манучеҳри Бекназар

Нишонӣ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиё. Борбад, 48/5.
E-mail: merganzodamanuchehr@gmail.com
Тел: (+992) 100020344

Имзои Мерганзода М.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Шоҳрух
12.08.2026 Неъматович

**Нишонӣ**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиё. Борбад, 48/5,
E-mail: info@iutet.tj
Тел: 992(37) 234-88-02